## *Мавзуъ: Хусусиятхои нкишофи протсесхои маърифати дар давраи барвакти бачаги*

Накша:

I. Инкишофи эхсосот ва идрок
II. Диккат
III. Хотир
IV. Тафаккур
V. Хаёл

### *Инкишофи эхсосот ва идрок*

Аз психологияи умуми ба хотир меорем, ки эхсосот чи хел протсес аст

Дар пӯстлохи майнаи сар инъикос ёфтани хосиятҳои алоҳидаи предмет ва ҳодисаҳои олами иҳотакарда, ки дар айни ҳол ба узвҳои ҳисси мо таъсир мекунанд, эҳсос номида мешавад.

Эҳсосот ин шакли аввалини аз тарафи инсон доништа гирифтани ҳақиқати атроф мебошад. Ба воситаи эҳсосот инсон дар хусуси ранг, мазза, бӯй, ҳамворӣ, гармӣ, сахтӣ ва сифатҳои дигари ашёҳо дониш ҳосил мекунем. Эҳсосот ба инсон имконият медиҳад, ки таъсироти дар организм ва дар қисмҳои он ба вуҷуд омада, ҳаракат ва ҳолати бадан ва қисмҳои алоҳидаи он, инчунин вазъияти узвҳои дохили ба монанди: узвҳои нафаскашӣ, гардиши хун ва узвҳои ҳозимаро ҳис кунем.

Вобаста ба характери ангезандаҳое, ки ба анализатори муайян таъсир мерасонанд ва вобаста ба характери эҳсоси дар чунин ҳолат ба вуҷудоянда намудҳои алоҳидаи эҳсосро нишон медиҳанд.

- Эҳсоси биноӣ - барои олами беруниро доништа гирифтани одам аҳамияти асосӣ дорад.
- Эҳсоси шунавоӣ. Инсон нутқи худ ва одами бегонаро шунида истода, онро назорат мекунем ва дар мавриди зарурӣ талаффузро ҳам ислоҳ менамоем. Ҳангоми гум шудани қобилияти шунавоӣ одамон одатан қобилияти гапзаниро ҳам гумм мекунанд.
- Эҳсоси бӯй. Ҳуҷайраҳои бӯйфаҳм, ки дар қисми болои ковокии бинӣ воқеъ гаштаанд, узви эҳсоси бӯй мебошанд.
- Эҳсоси мазза – дар натиҷаи ба ретсепторҳои мазза таъсир кардани хосиятҳои химиявии моддаҳое, ки дар оби даҳон маҳлул шудаанд, пайдо мешавад.

- Эҳсоси пӯст. Ангезандаҳои механикӣ ва ҳароратии ба пӯст таъсиркунанда чор намуди эҳсосро ба вуҷуд оварда метавонанд: 1) эҳсоси расиш, 2) эҳсоси хунукӣ, 3) эҳсоси гармӣ, 4) эҳсоси дард.
- Эҳсоси ҳаракатӣ ва ломиса. Эҳсоси ҳаракатӣ ё кинестезӣ ин эҳсоси ҳаракат ва вазъияти узвҳои бадан мебошад.
- Эҳсоси мувозинат. Узвҳои эҳсоси мувозинат дар гӯши дарунӣ ҷойгир буда, дар бораи ҳаракат ва вазъияти сар хабар медиҳад.
- Эҳсоси органикӣ. Ба эсосҳои органикӣ эҳсоси гуруснагӣ, ташнагӣ, серӣ, беҳузуршавии дил, дардҳои дарунӣ ва ҳоказо тааллуқ доранд.
- Эҳсоси ларзиш. Ин намуди ба худ хоси эҳсос ҳангоми ба сатҳи бадан таъсир кардани лаппишҳои ҳаво, ки онро ҷисмҳои ҳаракаткунанда ва лаппанда ба вуҷуд меоваранд, пайдо шуда метавонад. Ин намуди эҳсос дар одамоне, ки нағз мешунаванд, суст тараққӣ кардааст.

Кудак дар давраи барвакти бачаги бо хусусиятхои ашёхои иходакардашуда ба воситаи узвхои бинои, шунавои, буй, маза ва ломиса омухта онхоро шинохта аз хамдигар фарк мекунанд. Хусусияти  хар як ашёро фахмида дар яклухти онхоро дарк мекунанд. (ранг, шакл,сахти, мулоими, дурушти, нарми, шури, тези, ширин ива гайрахо)

Дар пӯстлохи майнаи сар инъикос ёфтани образи яклухти ашё ва ҳодисаҳои олами иҳотакарда, ки дар айни замон ба узвҳои ҳисси инсон таъсир мерасонанд, идрок номида мешавад.

Идрок ҳам монанди эҳсос зинаи аввалини аз тарафи кӯдак дониста гирифтани олами иҳотакарда буда, хусусиятҳои ашёро дар алоҳидагӣ нею, балки дар яклухтӣ дарк мекунад.  Чунки дар вақти идроки ашё дар як вақт ҳамаи узвҳои ҳискунии кӯдак - бинои, шунавои, мазза, бӯй ва пӯст иштирок мекунанд ва дар майнаи сари ӯ алоқаҳои муваққатиро ба вуҷуд меоранд.

Агар эҳсос зинаи аввалин ва оддитарини фаъолияти маърифатӣ бошад, пас идрок фаъолияти мураккаби маърифатӣ буда, дар вақти идроки ягон ашё ҳамаи анализаторҳо иштирок мекунанд. Дар натиҷа одам ашё ва ҳодисаҳои олами иҳотакардаро чуқур ва дар шакли бутун дониста мегирад. Бо ибораи дигар идрок характери том дорад.

Ашё ва ҳодисахои берунӣ дар протсесси идрок бо тамоми гуногуншаклии ҷиҳатҳо ва хусусиятҳои худ инъикос меёбанд. Ҳатто

ашёҳои ҷудогона ҳам, аксар вақт дар ягон алоқамандӣ идрок карда мешаванд. Гуфтан мумкин аст, ки идрок қисми манзараи васеъ ва мураккаби дунёи беруниро инъикос мекунад.

Дар ҳар як идрок чанд эҳсос мавҷуд аст. Масалан, дар вақти идрок намудани рангҳои гуногуни чиз бӯй, мазза ва дигар хусусиятҳои зоҳирию ботинии онро низ идрок мекунем. Ҳаракати чашме, ки ашёро дида мебарояд, ҳаракати дасте, ки ашёро ламс мекунад, ё бо он кореро иҷро менамояд ва ғайра қисми таркибӣ ва муҳими фаъолияти идрок мебошад.

Идрок бо дигар фаъолияти маърифатӣ: хотир, диққат, тафаккур, нутқ, хаёл алоқаи зич дошта, ба туфайли он ашё ҳаматарафа аз худ карда мешавад.

Асоси физиологии идрокро фаъолияти якҷояи системаи анализаторҳо дар пӯстлохи майнаи сар ташкил мекунад, яъне идрок дар асоси алоқаҳои байниҳамдигарии анализаторҳо ба амал меояд. Ё худ мувофиқи таълимоти И. П. Павлов системаи мураккаби алоқаҳои муваққатии асабӣ асоси физиологии  идрок мебошад. Ҳангоми бори аввал дидани ашёи ношинос масалан, лимӯ кӯдак ранги зард, лӯндашаклии онро ба воситаи анализатори бинонӣ, мулоимӣ ва дуруштии онро ба воситаи анализатори пӯстӣ ва ҳаракатӣ, маззаи турши онро  ҳангоми ба даҳон бурдан эҳсос мекунад. Хулоса, дар айни замон ашё дар мисоли мо - лимӯ ҳамчун таъсиркунандаи мураккабу яклухт ва дорои хосиятҳои гуногун баромад мекунад. Чӣ тавре, ки И. М. Сеченов қайд карда буд, идрок алоқамандии эҳсосҳои мухталиф аст.

Идрок дорои хусусиятҳои зерин мебошад: ашёгӣ, яклухтӣ, интихобӣ, доимӣ ва бошуурӣ.

Дар идрок ҳамаи анализаторҳо як хел нақш намебозанд. Одатан яке аз анализаторҳо дар протсесси идрок асосӣ ҳисоб меёбад. Вобаста ба он, ки дар идрок кадом анализатор нақши асосӣ мебозад, идрокро ба намудҳои гуногун ҷудо мекунанд. Дигар хел карда гӯем идрокро аз рӯи иштироки анализаторҳо ва бартарӣ доштани яке аз онҳо ба намудҳои бинонӣ, шунавонӣ, мазза, бӯй, ломисавӣ ва аз рӯи ҳастии мавҷудияти олам бошад, ба идроки фазо, вақт ва ҳаракат ҷудо мекунанд.

Идроки фазо. Дар идроки фазо шаклҳои фазогӣ, бузургии фазогӣ ва муносибатҳои фазогии ашёҳо дар назар дошта мешавад. Шаклҳои фазогии ашё аз рӯи секунҷа, чоркунҷа ва ғайра буданашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Бузургии ашёҳоро бо роҳи ба ҳамдигар муқоиса намудани калонию хурдӣ ва андоза аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Муносибати фазогии ашёҳоро аз рӯи дурӣ ё наздикӣ, дар тарафи чап ё рост буданашон, баландӣ ё пастӣ муайян мекунанд.

Идроки вақт. 1. Ҳамаи он ашё ва ҳодисаҳое, ки мо идрок мекунем, аз рӯи вақт ба вуҷуд меоянд. Мо вақтро ҳамчун суст ҳаракаткунанда ё тез ҳаракаткунанда идрок мекунем.

2. Муқаррар карда шудааст, ки дар идрок намудани пасту баланд шудани тапиши дил ва нафаскашӣ, инчунин эҳсосоти органикӣ нақши калон мебозад.

3. Дар бемороне, ки қобилияти ҳискунандагии узвҳои дохилиашон суст шудааст, бевосита қобилияти баҳо додан ба вақт гум ва ё паст мешавад.

4. Ба фикри И. П. Павлов кори организм ба тарзи муайян мегузарад. Ин рафти кори организм дар нимкураҳои калон инъикос меёбад. Агар ҳолати зоҳирӣ мӯътадил  набошад ва диққати мо ба ягон лаҳзаи дигар равона карда шуда бошад, дар он сурат мо вақтро хеле дароз идрок мекунем.

5. Дар вақти хурд ва гуногун будани ҳолатҳои психикӣ, ки ҳамаи диққати одам пурра ба он ҳолатҳо кашида шуда бошад, вақт кӯтоҳ менамояд.

6. Идроки бевоситаи вақт баъзан аз ҷиҳати аниқ набудан ё субъективӣ будани худ фарқ мекунад. Ба дарозии вақт дар бисёр мавридҳо нодуруст ё аз ҳад зиёд баҳо медиҳем. Барои ҳамин одамон аз ченакҳои объективии вақт истифода мебаранд.

Идроки ҳаракат. Мо ашёҳоро на танҳо дар ҳолати оромиашон, балки дар ҳолати дар фазо ҷой ивазкуниашон идрок мекунем. Барои ҳамин ҳаракат аз рӯи ашё ва сустиаш фарқ карда мешавад. Суръати ҳаракати идорашаванда на ҳама вақт ба суръати ҳаракати объективии ашё рост меояд. Ҳаракати дар худ як суръатро дошта дар ҳолатҳои гуногун ҳар хел идрок карда мешавад. Масалан, дар як маврид тезтар дар дигар маврид сусттар. Ҳаракати ашёҳоеро, ки нисбат ба мо дар ин ё он масофа истодаанд, ба воситаи анализатори биноӣ идрок мекунем.

Идроки масофа дар кӯдак ҳамон вақт мушоҳида мешавад, ки агар ӯ роҳгардиро ёд гирад. Идроки масофа бо мазмуни худи ашё алоқаманд аст. Масалан, агар аз кӯдак пурсем, ки «Ти-тӣ канӣ?» ӯ ба тарафи қафаси кабк ё канарейка менигарад.

Инкишофи фаъолияти ашёги ва азхудкунии амалхои маънави-ахлоки идрокро дигаргун месозад. Дар давраи барвакти бачаги идрок аз ашё вобаста аст, яъне кудак дар хар як ашё воситаи дуруст истифода бурдани онро мебинад. Агар ба кудак куррачаи сурхро нишон додач и будани онро пурсем дар чавоб мегуяд, ки он олуча ва ё себ, секунча –ба хонача, раками 4 ин курсича ва гайра.